Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 101 (4521) | ДУШАНБЕ, 15 АВГУСТИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

(Идома аз шумораҳои гузашта)





# МАШВАРАТИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БО РОҲБАРОНУ ФАЪОЛОНИ ВИЛОЯТИ СУҒД

**12 августи соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Гулистон бо роҳбарону фаъолони вилояти Суғд машварати корӣ доир карданд.**

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба вазъи мураккаби ҷаҳон оид ба таъмин намудани рушди босуботи иҷтимоиву иқтисодӣ, натиҷагирӣ аз иҷрои дастуру супоришҳои Президенти кишвар, Ҳукумати мамлакат ва раванди ободкориву созандагӣ дар назди роҳбарону фаъолони вилояти Суғд вазифаҳои мушаххас гузоштанд.

Таъкид гардид, ки буҳронҳои иқтисодиву сиёсӣ дар ҷаҳони имрӯза, низоъҳои минтақавӣ, таҳримҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, болоравии бесобиқаи нархҳои ҷаҳонӣ ба аксари намудҳои молу маҳсулот, бахусус, маҳсулоти озуқаворӣ ва илова бар ин, паҳншавии бемориҳои сироятӣ дар қатори дигар давлатҳо ба иқтисодиёти Тоҷикистон низ таъсири манфӣ расонида истодаанд.

Вазъи мураккаби ҷаҳони муосир, тағйирёбии иқлим ва мушкилоти вобаста ба он - камобии шадид ва хушксолӣ, норасоии маҳсулоти озуқа қариб дар ҳама кишварҳои олам, кам шудани истеҳсоли ғалладона дар солҳои 2022 - 2023, манъ ё маҳдуд кардани содироти маҳсулоти озуқа аз кишварҳои истеҳсолкунанда ва мушкилоти дигар, аллакай, боиси ба миён омадани хатари гуруснагӣ дар даҳҳо кишвари сайёра гардидааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки дар чунин шароити ҳассос таъмин намудани фаровонии бозори истеъмолии дохилӣ бо маҳсулоти ниёзи аввал, ташкил кардани захираи маҳсулоти ғизоӣ дар ҳар як оила ва пешгирӣ кардани болоравии беасоси нархҳо, исрофи озуқаворӣ ва риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазифаи ҷонии роҳбарони вазорату идораҳо, аз ҷумла роҳбарону масъулони шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, мебошад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба таъмини фаъолияти муназзаму устувори соҳаҳои иқтисоди миллӣ, идома додани нақшаҳои созандагиву бунёдкорӣ, таъсиси ҷойҳои нави кор, ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ, истифодаи самараноки манбаъҳои мавҷуда ва ҷалби сарчашмаҳои иловагии рушд дар назди роҳбарону масъулони вилоят вазифаҳои мушаххас гузоштанд.

Барои расидан ба ҳадафҳои созандаи Ҳукумати мамлакат иҷрои дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, татбиқи барномаҳои рушди соҳавӣ ва маҳаллӣ зарур шумурда шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо таҳлили вазъи иҷрои барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ таъкид намуданд, ки ҳарчанд суръати рушди иқтисодӣ дар кишвар дар нимсолаи якуми соли 2022 дар сатҳи 7,4 фоиз таъмин гардид, аммо ин нишондиҳанда назар ба ҳамин давраи соли гузашта 1,3 банди фоизӣ паст мебошад.

Ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, шаҳру ноҳияҳои он ва вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати иҷрои сифатнок ва саривақтии лоиҳаҳои дар барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии шаҳру ноҳияҳои вилоят барои солҳои 2021 - 2025 пешбинишуда супориш дода шуд, ки банақшагириро барои оянда воқеъбинона, бо назардошти ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар ва риояи принсипҳои «иқтисоди сабз», ба роҳ монанд.

Ба роҳбарону фаъолони вилоят вобаста ба ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ ҷиҳати амалӣ намудани лоиҳаҳо, татбиқи нақшаи корҳои ободониву бунёдкорӣ ба ифтихори ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ ва баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ дастурҳо дода шуд.

Таъкид гардид, ки тибқи «Нақшаи чорабиниҳо дар бораи ҷашн гирифтани 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми июли соли 2022 тасдиқ гардид, дар вилояти Суғд бунёди 12 ҳазору 130 иншооту биноҳои иҷтимоиву истеҳсолӣ ва инфрасохторӣ пешбинӣ шудааст.

Барои иҷрои нақшаҳои тасдиқшуда роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он аз Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастур гирифтанд.

Тибқи маълумоти оморӣ, дар ҳафт моҳи аввали соли 2022 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии вилоят 5,5 миллиард сомониро ташкил кардааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 12 фоиз зиёд мебошад.

Зикр гардид, ки ҳарчанд нақшаи кишти зироатҳои кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят дар сатҳи соли гузашта иҷро шудааст, вале тибқи натиҷаҳои ченаки назоратӣ, иҷрои дурнамои кишти картошкаи барвақтӣ дар хоҷагиҳои ҷамъиятиву деҳқонии вилоят дар 3,2 ҳазор гектар ва пахта 1,8 ҳазор гектар таъмин нагардидааст. Аз ин лиҳоз, роҳбарони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор шуданд, ки бо истифода аз ҳама захираву имкониятҳо, аз ҷумла заминҳои наздиҳавлигию президентӣ, зиёд намудани кишти такрориро аз ҳисоби шолӣ, маккадон, лӯбиёгиҳо ва картошка таъмин намоянд.

Барои вайронкунии қонунгузории замин, ки дар вилоят 3100 ҳолатро ташкил медиҳад, ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он супориш дода шуд, ки якҷо бо Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ ва дигар вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати пешгирӣ кардани қонунвайронкуниҳо оид ба замин тадбирҳои қатъӣ андешида, ҳолатҳои дар ин самт ошкоргардидаро фавран бартараф намоянд.

Роҳбарону мутахассисони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо аз Сарвари давлат супориш гирифтанд, ки доир ба ташкили фермаҳои чорводорию парандапарварӣ, инчунин, ташкили хоҷагиҳои моҳипарварӣ дар минтақаҳои мусоид ва таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифати соҳаҳои зикршуда тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Тибқи маълумот, ҳоло дар вилоят 36 сардхона бо иқтидори умумии 8700 тонна мавриди истифода қарор дорад, ки барои пурра таъмин намудани эҳтиёҷоти бозори истеъмолӣ ҳанӯз кофӣ нест.

Ҳамчунин, дар вилоят 476 гармхона ба масоҳати 25 гектар фаъолият дорад, ки ин нишондиҳанда низ ҳанӯз кам мебошад. Зарур шумурда шуд, ки таҷрибаи муосири бунёди гармхонаҳо ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар онҳо омӯхта шуда, тарзу усул ва истифодаи технологияҳои пешқадам васеъ ҷорӣ гардад.

Роҳбарони вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он вазифадор шуданд, ки дар ҳамкорӣ бо соҳибкорони ватаниву хориҷӣ ҷиҳати зиёд намудани майдони гармхонаву сардхонаҳои замонавӣ, ташкили корхонаҳои бандубасти маҳсулоти кишоварзӣ ва таъсиси марказҳои логистикӣ барои мунтазам бо маҳсулот таъмин намудани бозори дохилӣ ва баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар чораҳои мушаххас андешанд.

Барои дар фасли тирамоҳу зимистони дарпешистода муҳтоҷиву танқисӣ накашидани аҳолӣ ҷиҳати ҳар чӣ бештар истеҳсол кардани маҳсулот ва барои ду сол захира намудани маҳсулоти ғизоӣ роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор шуданд, ки бояд омодагии ҳар як оиларо назорат кунанд ва аз натиҷаи корҳо то 1 октябри соли 2022 ба Президенти мамлакат ҳисобот пешниҳод намоянд.

Дар нимсолаи якуми соли 2022 ба вилоят ҳамагӣ 83 миллион доллар сармояи мустақими хориҷӣ ворид шудааст, ки беш аз 95 фоизи он танҳо ба шаҳри Гулистон рост меояд. Яъне, ба дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят сармояи мустақими хориҷӣ умуман ворид нашудааст, ки чунин ҳолат хеле нигаронкунанда мебошад.

Бо назардошти вазъи мураккаби ҷаҳони имрӯза роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он супориш гирифтанд, ки якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҷиҳати муаррифии имкониятҳои сармоягузорӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилоят, дастгирии ташаббусҳои соҳибкорону сармоягузорон ва ба ин васила, ҷалби ҳар чӣ бештари сармояи мустақим корро тақвият бахшанд.

Бонки миллӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ вазифадор шуданд, ки барои таъмин намудани дастрасии соҳибкорони хурду миёна ба қарзҳои имтиёзноку дарозмуҳлат ва афзоиш додани ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳибкории истеҳсолӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Дар натиҷаи чораҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар самти дастгирии соҳибкорӣ ва рушди соҳаи саноат дар ҳафт моҳи аввали соли 2022 дар вилояти Суғд 90 корхонаву коргоҳи нав бо 2100 ҷои нави кор таъсис дода шудааст.

Дар натиҷа, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 23 фоиз афзоиш ёфта, ба 12,9 миллиард сомонӣ баробар гардидааст, ки ин нишондиҳанда беш аз 58 фоизи ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатии кишварро ташкил медиҳад.

Бо вуҷуди он ки дар вилояти Суғд қариб 40 фоизи ҳаҷми умумии пиллаи кишвар истеҳсол мешавад, солҳои охир коркарди он дар вилоят кам ба назар мерасад.

(Давомаш дар саҳ. 2)

# ҚАРОРИ
## КОМИССИЯИ МАРКАЗИИ ИНТИХОБОТ ВА РАЪЙПУРСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи ҷамъбасти натиҷаи ниҳоии интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази вакилони хориҷшуда дар ҳавзаҳои ҳудудии якмандатии интихоботии Фирдавсӣ №1, Рӯдакӣ №9 ва Данғара №36, бақайдгирӣ ва тасдиқи ваколатҳои вакилони интихобшуда**

Мувофиқи моддаҳои 12, 48, 54, 55 ва 56 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси протоколҳои комиссияҳои ҳавзавии якмандатии интихобот оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази вакилони хориҷшуда дар ҳавзаҳои ҳудудии якмандатии интихоботии Фирдавсӣ №1, Рӯдакӣ №9 ва Данғара №36 аз 14 августи соли 2022, ҷамъбасти натиҷаҳои ниҳоии овоздиҳӣ дар ҳавзаҳои якмандатии интихобот оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази вакилони хориҷшуда дар ҳавзаҳои ҳудудии якмандатии интихоботии Фирдавсӣ №1, Рӯдакӣ №9 ва Данғара №36–ро гузаронида, Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази вакилони хориҷшуда дар ҳавзаҳои ҳудудии якмандатии интихоботии Фирдавсӣ №1, Рӯдакӣ №9 ва Данғара №36 баргузоршуда ҳисобида шавад.

2. Номзадҳо Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат бо гирифтани 35 ҳазору 247 (60,51%) овози интихобкунандагон дар ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Фирдавсӣ №1, Шерализода Муҳамадулло Умар бо гирифтани 77 ҳазору 655 (54,7%) овози интихобкунандагон дар ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Рӯдакӣ №9 ва Гулаҳмадзода Зулфиқор Аҳмад бо гирифтани 78 ҳазору 865 (75,0%) овози интихобкунандагон дар ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Данғара №36, ки дар интихоботи 14 августи соли 2022 интихоб шудаанд, ба қайд гирифта, ваколатҳояшон тасдиқ карда шаванд.

3. Ба вакилони интихобшудаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи тартиби муқарраргардида, шаҳодатномаи вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шавад.

**Раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Б. ХУДОЁРЗОДА**
**Котиби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н. САМАДЗОДА**
**шаҳри Душанбе, 15 августи соли 2022, № 177**

# ИТТИЛОИЯ

**15 августи соли 2022 таҳти роҳбарии Раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Бахтиёр Худоёрзода ҷаласаи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар он тасдиқи натиҷаҳои интихоботи вакилон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази вакилони хориҷшуда дар ҳавзаҳои ҳудудии якмандатии интихоботии Фирдавсӣ №1, Рӯдакӣ №9 ва Данғара №36, ки 14 августи соли 2022 баргузор гардид, мавриди баррасӣ қарор гирифт.**

Бо риояи талаботи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҳавзаҳои интихоботии зикршуда ба таври алтернативӣ аз ҳисоби пешниҳодҳои ташкилотҳои ибтидоии ҳизбҳои сиёсии дар ҳудуди ҳавзаҳои интихоботии зикршуда амалкунанда ва шаҳрвандон ба таври худпешбарӣ дувоздаҳ номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда буд.

Мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интихобот, овоздиҳӣ 14 августи соли ҷорӣ аз соати 6 - и субҳ то соати 20:00 давом карда, дар асоси протоколҳои комиссияҳои ҳавзавии интихоботӣ дар ҳавзаҳои якмандатии интихоботии Фирдавсӣ №1-ум 74,6 дарсад, Рӯдакӣ №9 - 80,6 ва Данғара №36-ум 86 дарсад интихобкунандагони ба рӯйхат воридкардашуда дар интихобот иштирок намуданд. Тибқи талаботи моддаи 18 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳавзаҳои интихоботии зикргардида баргузоршуда ҳисобида шуд.

Дар асоси моддаи 48 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар интихоботи 14 августи соли 2022 номзадҳо Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат бо гирифтани 35 ҳазору 247 (60,51 дарсад) овози интихобкунандагон дар ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Фирдавсӣ №1, Шерализода Муҳамадулло Умар бо гирифтани 77 ҳазору 655 (54,7 дарсад) овози интихобкунандагон дар ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Рӯдакӣ №9 ва Гулаҳмадзода Зулфиқор Аҳмад бо гирифтани 78 ҳазору 865 (75,0 дарсад) овози интихобкунандагон дар ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Данғара №36 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардида, ба қайд гирифта, ваколатҳояшон тасдиқ шуд.

Ҳамин тавр, интихоботи вакилон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази вакилони хориҷшуда дар ҳавзаҳои интихоботии зикргардида дар шароити осоишта ба таври ошкоро, шаффоф, озод ва дар асоси алтернативӣ бо иштироки фаъоли интихобкунандагон баргузор гардид.

Агар хомӯш биншинем, гуноҳ аст

# МУҚОВИМАТ БА ТЕРРОРИЗМ.

## Аз салоҳияти мақомот то ӯҳдадориҳои воситаҳои ахбори омма

**Дар шароити ниҳоят ҳассосу мураккаби минтақа ва ҷаҳон дар назди аҳли ҷомеа вазифаҳои бағоят мубрами амниятӣ, аз ҷумла мубориза бар зидди терроризму ифротгароӣ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ қарор доранд, ки вобаста ба ҳодисаҳои охири ҷаҳони муосир торафт шиддат гирифта истодаанд.**

Табиист, ки ҳолати мазкур тадбирандешии бетаъхири сохторҳои марбута ва ҳамоҳангии ҳама қишрҳои ҷомеаро тақозо менамояд. Мавриди амал қарор гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм», ки «принсипҳои асосии муқовимат ба терроризм, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии пешгирии терроризм ва мубориза бо он, роҳу усулҳои бартараф намудани оқибатҳои амали террористиро бо мақсади таъмини бехатарии шахс, ҷамъият ва давлат, ҳифзи соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд», идомаи мантиқии ин раванд маҳсуб мешавад.

Дар заминаи ин иқдом Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» , ки аз 16 ноябри соли 1999 мавриди амал қарор дошт, аз эътибор соқит дониста шуд. Матлаби мазкур моҳияти ин санади меъёрии ҳуқуқиро бозгӯӣ менамояд.

Далелҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки терроризму террористон аввалин маротиба дар Аврупо зуҳур кардаанд. Барои мисол, дар асри I пеш аз мелод дар бораи гурӯҳи сиёсии яҳудиён бо номи «зелотҳо», ки бо истифода аз террор ба муқобили римиҳо мубориза мебурданд, маълумот вуҷуд дорад. Дар солҳои 60 -70 асри яки мелодӣ гурӯҳи мутаассибони дини яҳудия - «сикориҳо» аз амалҳои террористӣ истифода намуданд. Ин тоифа дар рӯзи равшан, одатан дар вақти серодам будани кӯчаю бозорҳо, дар рӯзҳои ҷашн, бо истифода аз ханҷари кӯтоҳ амалиёти террористӣ анҷом медоданд.

Тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм», содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ дар шакли ба гаравгон гирифтан, рабудани одамон, суиқасд ба ҳаёти арбоби давлатӣ ва ҷамъиятӣ, намояндагони гурӯҳҳои миллӣ, динӣ, мазҳабӣ, нажодӣ, дигар гурӯҳҳои аҳолӣ, намояндагони давлатҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ амали террористӣ ба ҳисоб меравад. Ба амалҳои террористӣ, ҳамчунин ғасб намудан, зарар расонидан ва нобуд кардани иншооти давлатӣ ва ё ҷамъиятӣ, амалӣ кардани таркиш, сӯхтор, тирпарронӣ, истифода намудан ва ё таҳдиди истифодаи таҷҳизоти тарканда, моддаҳои радиоактивӣ, биологӣ, тарканда, кимиёвӣ ва дигар маводи заҳролудкунанда, расонидани зарар ба ҳаёт ё саломатии аҳолӣ, молу мулки шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ бо роҳи содир кардани садамаҳо, фоҷиаҳои техногенӣ шомиланд.

Дар шароити кунунӣ аҳамияту зарурияти муқовимат ба терроризм тамоюли афзоишро касб намудааст. Дар ин бобат зиёд мегӯянд, вале на ҳама онро дарк кардаанд. Зери ин мафҳум қонунгузор фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва мақомоти дигар оид ба пешгирии терроризм, аз ҷумла ошкорсозӣ ва минбаъд бартараф намудани сабабу шароитҳои ба содиршавии амали террористӣ мусоидаткунанда, ошкорсозӣ, огоҳонӣ, пешгирӣ, қатъ намудан, кушодан ва тафтиш кардани амали террористӣ, то ҳадди камтарин расонидан ё бартараф намудани оқибатҳои амали террористиро пешбинӣ кардааст.

(Давомаш дар саҳ. 2)

# МАШВАРАТИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БО РОҲБАРОНУ ФАЪОЛОНИ ВИЛОЯТИ СУҒД

**(Идома аз саҳ. 1)**

Дар ҳафт моҳи аввали соли 2022 ҳаҷми истеҳсоли пилла дар вилоят нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 11 фоиз коҳиш ёфтааст. Ин дар ҳолест, ки Ҳукумати мамлакат ҷиҳати рушди соҳа истеҳсолкунандагонеро, ки ба коркарди пилла, матоъҳои шоҳӣ, атласу адрас ва дигар маснуоти бофандагии аз онҳо истеҳсолшаванда машғуланд, аз тамоми андозҳо озод намудааст.

Аз ин рӯ, ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, шаҳру ноҳияҳои он ва ба Вазорати саноат ва технологияҳои нав супориш дода шуд, ки бо мақсади татбиқи ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар фаъолиятро доир ба ташкили корхонаҳои коркарди ашёи хом ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ вусъат бахшанд.

Вазорати саноат ва технологияҳои нав, ҳамчунин, вазифадор гардид, ки якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сармоягузорон барои ҷоннок намудани фаъолияти корхонаҳои амалкунанда ва барқарор кардани фаъолияти корхонаҳои азкормонда тадбирҳои қатъӣ андешида, ҷиҳати рушди содироти маҳсулот чораҷӯӣ намояд.

Тибқи ҳисоботи оморӣ, ҳаҷми истеҳсоли либоси мактабӣ дар корхонаву коргоҳҳои вилоят дар ҳафт моҳи аввали соли 2022 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта аз рӯи миқдор 1,7 баробар ва аз рӯи арзиш 39 фоиз афзоиш ёфтааст, аммо сатҳи таъминнокӣ бо он ҳамагӣ 26 фоиз мебошад, ки қонеъкунанда нест. Бинобар ин, роҳбарони вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он якҷо бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав вазифадор шуданд, ки ҷиҳатиислоҳи камбудӣ чораҳои фаврӣ ва қатъӣ андешанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Вазорати саноат ва технологияҳои нав якҷо бо роҳбарони вилоят, шаҳру ноҳияҳои он ва соҳибкорону сармоягузорон барои рушди соҳаи коркарди пӯст, ба маротиб афзоиш додани истеҳсоли пойафзол ва дигар маҳсулоти чармӣ супориш доданд, ки фаъолияти корхонаҳои амалкунандаро беҳтар намуда, корхонаҳои азкормондаро фавран барқарор созад ва доир ба ташкили корхонаҳои нав чораҷӯӣ намояд.

Ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он супориш дода шуд, ки дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор рушди соҳаҳои саноати сабуку хӯроквorӣ, мошинсозӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмон ва дорусозиро бо ворид намудани технологияҳои муосир ва истифодаи ҳар чӣ бештари захираҳои ашёи хоми вилоят таъмин карда, ба ин васила, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашударо афзоиш диҳанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки амалисозии нақшаву барномаҳои созандаи Ҳукумати мамлакат ба рушду тараққиёти ҳамаи шаҳру ноҳияҳои кишвар, аз ҷумла вилояти Суғд, мусоидат карда истодааст ва дарояндаи наздик шаҳру ноҳияҳои вилоят боз ҳам ободу зебо ва сатҳу сифати зиндагии сокинон хеле беҳтар мегардад.

Вале барои расидан ба ҳадафҳои нек истифодаи самараноки захираву имкониятҳои мавҷуда ва таъмин намудани пешрафти устувори иқтисодиву иҷтимоии вилоят зарур аст, ки ин раванд, пеш аз ҳама, ба заҳмати содиқона ва азму талоши созанда, инчунин, ҳисси ватандӯстиву ватанпарастии роҳбарону фаъолони вилоят ва кулли сокинони он вобаста мебошад.

Дар ин раванд, Сарвари давлат ҳамаи роҳбарон, шахсони масъул ва фаъолонро ҳушдор доданд, ки бо мақсади таъмин намудани амнияти давлату ҷомеа корро дар самти мубориза бо ҳама гуна таҳдиду хатарҳо ва ҷинояткориҳо, пеш аз ҳама, терроризму экстремизм, радикализми динӣ ва хурофотпарастӣ ба таври қатъӣ пурзӯр карда, ба ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, инчунин, кумак ба онҳо муносибати ҷиддӣ зоҳир намоянд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулини сохторҳои дахлдор барои омодагии муассисаҳои таълимӣ, инчунин, ба мавсими тирамоҳу зимистон тайёр кардани муассисаҳои иҷтимоӣ ва аҳолӣ дастуру супоришҳо доданд.

Баъд аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят, иҷрои дастуру супоришҳои Ҳукумати кишвар, амалисозии нақшаву ниятҳои созандаи роҳбарияти Давлату Ҳукумат вазири саноат ва технологияҳои нав Шералӣ Кабир, директори ҶСК «Қолинҳои Қайроққум» Абдумуталиб Абдуллоев, раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода, раисони шаҳру ноҳияҳои Айнӣ, Кӯҳистони Мастчоҳ, Панҷакент, Гулистон, вазири кишоварзӣ Саъдӣ Каримзода, президенти Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон Нуралӣ Асозода, сардори Сарраёсати кишоварзии вилояти Суғд Маъруфҷон Шарифиён ва раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ҳисобот доданд.

Дар охир Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо итминон иброз доштанд, ки мардуми ватандӯсту матиниродаи вилояти Суғд бо заҳмати содиқонаву софдилона ин гӯшаи Ватани маҳбубамонро боз ҳам ободу пешрафта гардонида, ҷашни бузурги 35 - солагии Истиқлолияти давлатиро бо дастовардҳои арзанда истиқбол мегиранд.

**www.president.tj**

Мавзӯи рӯз

# ПАХШИ МУСТАҚИМИ НИШАСТҲОИ МАТБУОТӢ.
## ТАҚОЗОИ ЗАМОН Ё ТАНБАЛИИ ХАБАРНИГОРОН?

**Дар кишвар нишастҳои матбуотии вазорату идораҳо оид ба ҷамъбасти нимсолаи аввали соли 2022 доир шуданд. Нишастҳои матбуотӣ мутобиқи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 сентябри соли 2011 доир карда мешаванд ва ҳар шаш моҳ рӯзноманигорон имкон доранд, ки бо масъулини сохторҳои гуногун вохӯрда, пурсишу пешниҳодоташонро ба онҳо расонанд.**

Дар аксар нишастҳои хабарӣ роҳбарон аввал ҳисоботи шашмоҳа ё яксоларо ироа карда, пасон ба қисмати саволу ҷавоб мегузаранд, ки ин шеваи гузаронидани нишастҳо барои рӯзноманигорон чандон хушоянд нест. Онҳо далел меоранд, ки ҳисоботи вазорату идораҳо дар дасташон ҳаст ва дилхоҳ маълумотро аз журналистикаи интернетӣ рушд карда истодааст ва ин намуди журналистика то андозае дастрастар аст. Аз ин рӯ, бо пахши мустақим дар «Facebook» ба журналистика латма ворид намешавад.

Хабарнигори рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» Рустам Одинаев мақсади мустақим пахш кардани нишастҳои матбуотиро дар «Facebook» сари вақт ба мардум расонидани иттилоот арзёбӣ кард.

- Ҳадафи мо, боварии мардумро нисбат ба шаффофияту ҳисоботдиҳии мақомоти давлатӣ бештар кардан мебошад, - афзуд ӯ.

Сабаби дигар он аст, ки ҳоло аксари мардум аз шабакаи иҷтимоӣ истифода мебаранд ва ин амал метавонад эътимоди равобитро тақвият бахшад.

Хабарнигори рӯзномаи «Хатлон» Ҷаҳонгиршоҳ Рустамшоҳ гуфт, ки пахши намудан, нишастҳои хабариро мустақим пахш мекунанд.

Бояд хабарнигорон кӯшиш кунанд, ки нақши пулро миёни мақомот ва аудитория иҷро намуда, мавзӯъҳои муҳимро коркард ва пешниҳод кунанд. Вале нишастҳои мавриди назарро мустақим пахш кардани онҳо, яъне тамоми иттилоъро якуякбора ба аудитория додан то андозае мавқеашонро коста мекунанд.

Журналист Далер Абдулло ҷонибдори мустақим пахш шудани нишастҳои матбуотӣ ва хостгори тавсеа бахшидани он аст.

- Дар ин самт журналистони мо «Амрикои нав накушодаанд», зеро таҷриба дар аксар кишварҳои олам роиҷ аст. Ин усули корро «амиқ» баррасӣ намудану аз он ҳарос доштан ба ҳеҷ ваҷҳ қобили қабул нест. Бо ин амал мо метавонем масъулинро ба қавле, дудила кутаҳо ва дигар сохторҳо амиқтар бурда, шахсияту касбият ва фаросату одоби муоширати онҳо барои аҳли ҷомеа бештар ҳувайдо мегардад.

### ДАСТРАСИИ ИТТИЛООТ ДАР ҚОНУНГУЗОРӢ

Дар қонунҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ муқаррароте нест, ки ин амалро мустақим танзим намояд. Вале ба таври умумӣ ҳуқуқи дастрасии мардумро ба иттилоот кафолат додаанд. Масалан, дар моддаи 7 банди 3-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» чунин омадааст: «Иттилоот ба самъи умум бо роҳи дар нашрияҳои махсус чоп кардани ҳуҷҷатҳои расмӣ, ҷойгир намудани онҳо дар маъхазу манбаъҳои маълумоти дастраси доираи номаҳдуди ашхоси манфиатдор расонида мешавад».



Дар моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» муқаррар шудааст, ки «Ҳар шахс ҳуқуқ дорад, ки тариқи воситаҳои ахбори омма дар бораи фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва шахсони мансабдори онҳо иттилооти аниқ ба даст орад». Агар мо саҳифаҳои фейсбукии расонаҳоро як ҷузъи онҳо қабул намоем, пас амали зикршуда аз рӯи қонун ба роҳ монда шудааст.

### БА ҶОИ СЕ НУҚТА

Дуруст аст, ки ҳоло баъзе хабарнигорон корро осон карда, пурра маълумоти ироанамудаи масъулини сохторҳои гуногунро ба аудитория мерасонанд ва бо ин васила, худро канор мегиранд. Дуруст аст, ки баъзе расонаҳо аз ҳисоби пахшҳои мустақим дар «Facebook» сафи обуначиҳояшонро зиёд карда истодаанд. Вале набояд фаромӯш кард, ки ин он дастрас карда метавонанд. Хубтар мешавад аз аввал то охири нишаст бо пурсишу посух сипарӣ гардад.

Ду сол мешавад, ки бархе рӯзноманигорон аз расонаҳои гуногун барои обуначиҳояшон дар «Facebook» аз нишастҳои матбуотӣ мустақим пахш медиҳанд. Дар матлаби зер бо истифода аз ҳадафи рӯзноманигорон аз пахши мустақим кардан ва назари коршиносон ба ин саволҳо посух хоҳем гуфт.

### КИҲО ПАХШИ МУСТАҚИМ МЕКУНАНД ВА ЧАРО?

Ҳоло рӯзноманигорон аз радиои «Озодӣ», радиои «Тоҷикистон», рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» ва ғайра нишастҳои хабарии ниҳодҳои гуногунро дар «Facebook» мустақим пахш мекунанд.

Муҳаққиқи интернет-журналистика ва масъули сомонаи радиои «Тоҷикистон» Фирдавси Низом чунин гуфт:

- Дар мустақим пахш кардани нишастҳои матбуотӣ яке аз аввалинҳо будем. Бо гузашти ду мавсим ин амал миёни бархе расонаҳо анъана шуд. Мақсади асосӣ ҳам мавқеъ ёфтан дар фазои маҷозӣ ва сари вақт расонидани иттилоъ ба мардум аст.

Мо дар замоне зиндагӣ дорем, ки мустақим барои обуначиҳояш хуб аст, зеро онҳо метавонанд иттилои заруриашонро аз сохторҳои гуногун пурра дастрас намоянд.

- Хубии пахши мустақим дар он аст, ки навор ба истилоҳ қайчӣ намешавад, - илова кард ӯ.

### ҲОЛАТҲОИ НОГУВОР

Пахши мустақими нишастҳои матбуотӣ дар «Facebook» баъзан ҳолатҳои ногуворро ҳам ба бор оварда метавонанд. Солҳои аввал баъзеҳо ба хабарнигорон барои ин кор монеа мешуданд.

Бархе рӯзноманигорон 5-10 дақиқа пеш аз вақти муқарраргардида пахши зиндаро барои обуначиҳояшон фаъол мекунанд ва суханоне, ки вазирону раисон пеш аз нишаст бо ёрдамчиву сухангӯҳо мегӯянд, ба самъи корбарони «Facebook» мерасад.

Ҳолати дигар коркард нашудани хабар аст. Аниқтараш, вақте ки дар баёни матлаб мавқеи журналист дида намешавад ва ҳар маълумотро аудитория ба таври хостааш қабул мекунад.

### НАЗАРИ КОРШИНОС ЧИСТ?

Профессор Ҷовид Муқим ба ин назар аст, ки хабарнигорон бо сабаби танбалӣ ва аз дӯши худ бори гузоришгариро озод



нем ва онҳо метавонанд барои ин амал монеа эҷод кунанд, - афзуд номбурда.

Хуб медонем, ки ҳоло аксарият истифодабарандаи телефонҳои ҳушманд мебошанд ва пахши мустақим имкони бештарро дар самти баҳравар гардидани шаҳрвандон аз тамошои нишастҳои матбуотӣ фароҳам менамояд. Эътироф бояд кард, ки ба ғайр аз пахши мустақим дигар дар ягон расона ва дар қолаби жанрҳои журналистӣ нишастҳои мавриди назар муфассал инъикос намегарданд.

Аз ҷониби дигар, ин амал мардумро дар шинохти роҳбарони вазорату кумиамали онҳо фарқиятро миёни журналистикаи шаҳрвандӣ ва касбӣ зери суол мебарад.

Хуллас, дар замоне ки ҳар нафари телефондор худро блогер меномаду ҳар чизи хостаашро ба мардум пешниҳод менамояд, журналистони касбиро мебояд бо истифода аз донишу фаҳмиш матолиби гуногунжанру ҳирфаӣ эҷод намоянд, то мақому манзалаташон коста нагардад.

**Ҳ. ТОҲИРӢ,**
**«Садои мардум»**

# МУҚОВИМАТ БА ТЕРРОРИЗМ.
## Аз салоҳияти мақомот то уҳдадориҳои воситаҳои ахбори омма

**(Идома аз саҳ. 1)**

Тибқи муқаррароти моддаи 3, муқовимат ба терроризм ба таъмин ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, қонуният, афзалияти чораҳои пешгирии терроризм, истифодаи чораҳои сиёсӣ, иттилоотию таблиғотӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, махсус ва тадбирҳои дигари муқовимат ба терроризм, роҳ надодан ба гузашти сиёсӣ ба террористон, ҳамбастагии тарзҳои ошкоро ва ғайриошкорои муқовимат ба терроризм ва ҳамкории давлат бо созмонҳои байналмилалӣ ва шаҳрвандон дар муқовимат ба терроризм асос ёфтааст.

Хеле муҳиму саривақтӣ аст, ки муқовимати иттилоотию таблиғотӣ дар қонун мадди назар қарор гирифтааст. Воқеан қатъ намудани фаъолияти террористии байналмилалӣ, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути пешгирӣ намудани ҳолатҳои аз сарҳади гумрукӣ ғайриқонунӣ гузаронидани силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моводи тарканда, заҳрнок, радиоактивӣ ва дигар ашёҳое, ки мумкин аст ба мақсадҳои террористӣ истифода шаванд, Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути пешгирӣ намудани истифодаи воситаҳои алоқа, аз ҷумла алоқаи барқӣ, ба мақсадҳои террористӣ ва Бонки миллии Тоҷикистон тавассути андешидани чораҳои муқовимат ба маблағгузории терроризм мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо



роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» дар ин раванд иштирок мекунанд.

Яке аз масъалаҳое, ки назарҳо дар бобати он яксон нест, рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд маҳсуб мешавад. Баъзеҳо, аз ҷумла онҳое, ки террорист буданашон бо далелҳои раднопазир тасдиқ шудааст, таҳияи онро баҳсбарангез арзёбӣ мекунанд. Дар моддаи 7 муқаррар гардидааст, ки рӯйхаҳам, дар шароити кунунӣ ин ҷанба аз аҳамияти хоса бархӯрдор буда, муносибат ба он набояд дуюмдараҷа бошад. Моддаи 9 қонуни мавриди назар муқаррар кардааст, ки муқовимати иттилоотию таблиғотӣ ба терроризм бо мақсади шарҳи хатари терроризм, фошкунии шакл, воситаву тарзҳое, ки бо ёрии онҳо террористон ғояву ақидаҳои худро таблиғ менамоянд, ташаккул додани рӯҳияи зиддитеррористӣ дар ҷомеа, муттаҳидсозии кӯшишҳои мақомоти давлатӣ, ки ба терроризм муқовимат мекунанд ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар пешгирии терроризм, маҳдуд кардани заминаи иҷтимоии дастгирии терроризм амалӣ мегардад.

Тибқи моддаи 10, воситаҳои ахбори омма ҳангоми шарҳи ҳодисаҳое, ки бо амалҳои террористӣ ва фаъолияти зиддитеррористӣ алоқаманданд, уҳдадоранд афзалияти ҳуқуқи одамон ба ҳаёт ва амниятро нисбат ба ҳуқуқ оид ба озодии дастрасии иттилоот ва паҳнкунии иттилоот ба назар гиранд, ҳангоми ба даст овардани маълумот оид ба амали террористии тайёршаванда фавран ба мақомоти дахлдор хабар диҳанд, дар сурати доштани маълумот ё ҳуҷҷатҳои дахлдор вобаста ба фаъолияти террористӣ ва амали террористӣ, онҳоро ба мақомоти давлатии бевосита ба терроризм муқовиматкунанда супоранд.

Ба ғайр аз ин, роҳбарони воситаҳои ахбори омма уҳдадоранд чора андешанд, ки матолиби дар ташкилоти таҳти роҳбарии онҳо қарордошта омодашуда фаъолияти террористӣ ва дигар фаъолияти экстремистии ба ҷамъият хавфнокро сафед накунанд, ба чунин фаъолият даъват накунанд ва ё барангезандаи он набошанд, инчунин, кинаву хусумати динӣ, мазҳабӣ, миллӣ ва нажодиро таблиғ накунанд.

Муҳимтар аз ҳама, тибқи талаботи моддаи 11, роҳбарон ва кормандони воситаҳои ахбори омма, ки дидаву дониста уҳдадориҳояшонро дар самти муқовимат ба терроризм иҷро намекунанд, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд ё фаъолияти чунин воситаҳои ахбори омма дар асоси санади дахлдори судӣ қатъ карда мешавад.

Муқовимат ба терроризм яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлат буда, тавассути ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ карда мешавад. Дар моддаи 18 омадааст, ки Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати моводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектҳои бевосита ба терроризм муқовиматкунанда мебошанд. Дар моддаи 20 қонуни зикршуда Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон субъектҳои дар муқовимат ба терроризм иштироккунанда муайян шудаанд.

Вазифаи субъектҳои бевосита ба терроризм муқовиматкунанда ҳоҷат ба шарҳу тавзеҳ надорад, вале дар бобати субъектҳои дар муқовимат ба терроризм иштироккунанда мардум иттилои кам доранд. Дар робита ба ин бояд донист, ки Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути назорати фаъолияти оинномавии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ, ки бо тартиби муқарраргардида ба қайд гирифта шудаанд, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути гуфтушунид бо давлатҳои хориҷӣ ҳангоми ошкорсозӣ, огоҳонӣ, пешгирӣ ва ти шахсони бо терроризм алоқаманд аз ҷониби Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода мешавад. Дар навбати худ, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси аризаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузорӣ ташкилот ё намояндагии онро ташкилоти террористӣ эътироф менамояд. Шахсони воқеӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ бо ҳукми суд гунаҳгор мегардад. Нусхаи санадҳои зикргардидаи судӣ барои дохил намудани шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо ба рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд ба Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода мешаванд.

Илова бар ин, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд шахсони воқеӣ ва ташкилотҳоеро, ки мутобиқи қатъномаи Шӯрои амнияти Созмони Милали Муттаҳид ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон террорист ё ташкилоти террористӣ эътироф шудаанд, дохил менамояд.

Сипас, нусхаи ин рӯйхат фавран ба субъектҳои бевосита ба терроризм муқовиматкунанда ва ба мақоми ваколатдори муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом барои иҷрои чорабиниҳои муқовимат ба терроризм, паҳнкунии силоҳи қатли ом ва андешидани чораҳо оид ба ғайрифаъолгардонии маблағ, коғазҳои қиматнок ё молу мулки дигари шахсони мазкур фиристода мешавад.

Бо мақсади тавсеаи муқовимат ба терроризм ашхосе, ки ба ошкорсозӣ, пешгирӣ ва қатъ намудани фаъолияти террористӣ, кушодан ва тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ, муайян ва дастгир кардани шахсони тайёркунанда, содиркунанда ё содиркардаи чунин ҷиноятҳо мусоидат менамоянд, аз ҳисоби буҷети давлатӣ қадрдонӣ мешаванд.

Бояд мадди назар дошт, ки чораҳои ҳимояи давлатӣ ва амниятӣ, инчунин, дастгирии иҷтимоии шахсони воқеӣ, ки дар мубориза бар зидди терроризм иштирок ва ҳамкорӣ кардаанд, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» амалӣ мегардад.

Пешниҳоди нокифояи иттилоъ дар бораи амали террористӣ ва вазъият дар минтақаи гузаронидани амалиёти зиддитеррористӣ аз масъалаҳое мебошад, ки баъзеҳо нигаронанд. Ин масъалаи хеле нозук буда, ба он муносибати сатҳӣ ҷоиз нест. Бинобар ин, дар моддаи 27 муқаррар шудааст, ки ҳангоми гузаронидани амалиёти зиддитеррористӣ хабардор кардани ҷомеа дар бораи амали террористӣ дар шакле, ки аз тарафи ситоди оперативӣ муайян шудааст, аз ҷониби намояндаи ситоди оперативӣ, ки барои робита бо воситаҳои ахбори омма ва ҷомеа масъул аст, сурат мегирад.

Дар ин марҳила паҳн кардани иттилооте, ки тарзу усулҳои техникии махсуси гузаронидани амалиёти зиддитеррористиро ифшо намояд, гузаронидани амалиёти зиддитеррористиро мушкил гардонад, ба ҳаёту саломатии одамоне, ки дар минтақаи гузаронидани амалиёти зиддитеррористӣ ё берун аз он минтақа қарор гирифтаанд, хатар эҷод созад, дар бораи шахсоне бошад, ки ба амалиёти зиддитеррористӣ ҷалб шудаанд ё дар гузаронидани чунин амалиёт ҳамкорӣ менамояд, манъ аст.

Дар маҷмӯъ қонуни мазкур, бо назардошти вазъи ҷаҳони муосир муҳиму саривақтӣ буда, татбиқи он кишварамонро аз амалҳои террористӣ эмин нигоҳ медорад.

**Далер АБДУЛЛО,**
**муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум»**

Илмат ба амал чу ёр гардад

# ДОНО БА ҲАР ДИЁР АЗИЗУ МУКАРРАМ АСТ

**Байни мардуми кӯҳистон мақоле роиҷ аст: «Доно ба ҳар диёр азизу мукаррам аст, лаънат бар он диёр, ки нодон бувад азиз». Ин ҳикмати бузург фалсафаи зиндагии мардуми кӯҳистон аст.**



Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар оғози солҳои навадуми қарни гузашта бо ибтикори дурбинонаи роҳбарияти давлати навтаъсиси соҳибистиқлоли тоҷикон дар маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи академик Моёншо Назаршоев таъсис ёфт, ки орзуи деринтизори ҳама сокинони вилоят буд.

Чун тамоми хурду бузурги ин диёри афсонавӣ, кулли аҳли деҳаи кӯчаку зебои Дарморахт низ аз даврони пеш мардумаш ташнаи илму маърифат эътироф мегарданд ва дар ин бобат ривоятҳо ҳам бофтаанд. Хонаводаи амаки Шабоз ҳам аз зумраи чунин хонаводаҳоест, ки падари бузургвору модари меҳрубон шабу рӯз дар кӯҳу дамани диёри мушкилписанд танҳо ба хотири соҳибмаърифату баландфарҳанг ва соҳибмаълумот ба камол расондани фарзандон заҳмат мекашиданд. Ин буд, ки минбаъд дар ин хонадони поксиришт, воқеан, фарзандоне камол ёфтаанд, ки номбардори хонавода ва кишвару миллат гардидаанд.

Албатта, роҳ ба сӯи камолот, илму маърифат ва некномӣ дар кадом самти рӯзгору фаъолият набошад, ҳамвор нест. Касоне дар ин роҳ муваффақ мегарданд, ки аз мушкилоти он намеҳаросанд, шабу рӯз заҳмат мекашанд, адолатро пеша мекунанд, ҳақиқатро дар ҳама ҳолатҳо ҳимоя мекунанд, манфиати ҷомеаро аз манфиати шахсӣ афзал медонанд.

Яке аз фарзандони ин хонадони намунавии амаки Шабоз академик Мирганд Шабозов мебошад, ки дар пайроҳаи давлатдориву илму маърифат устуворона қадам ниҳод.

Роҳи тайкардаи ҳаёти ин ҷавонмарди муътабар бо набзи рӯзгори даврон, пешрафти кишвар ва ҳамсолонаш ҳамнавост. Вай мактаби миёнаи деҳаи Нишуспи ноҳияи Шуғнонро бо медали тилло хатм намуда, ба пойтахти кишвар раҳсипор гардида, ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуд. Риёзиётро барҳақ шоҳи фанҳо меноманд ва интихоби ин самти илм барои Мирганд Шабозов, ки соҳиби дониши баланд ва доираи назари васеъ буд, рӯ сурхиҳои зиёд овард. Вай баъд аз хатми донишгоҳ муддате дар ин боргоҳи маърифат дар радифи устодонаш ба толибони дониш нозукиҳои илми риёзиро омӯхта, баъд аз ду сол барои такмили ихтисос ба Украина рафт ва дар муҳлати кӯтоҳ рисолаи номзади илмҳои риёзиро ҳимоя намуд. Баъд аз чанд соли омӯзгорӣ дар донишгоҳи таҳсилкардааш Мирганд Шабозов низ рисолаи доктории дифоъ намуда, чун олими шинохта дар дунёи илми кишвар зуд шуҳрат ёфт.

Қаҳрамони матлаб аз соли 2001 узви вобаста ва аз соли 2008 академики Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар радифи фатҳи зинаҳои баландтарини илм, академик Мирганд Шабозов чун роҳбари кордону ташаббускор қобилияти баланди сарварӣ ва имкониятҳояшро дар арсаи сиёсат амалӣ намуд.

Бо назардошти қобилияти баланди ташкилотчигӣ бо дастури Сарвари давлати тозабунёди Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Мирганд Шабозов солҳои 1998-2005 вазифаи ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи академик Моёншо Назаршоевро дар сатҳи хубу сифати баланд иҷро намуд. Дар муддати кӯтоҳ тавонист, ки беҳтарин устодонро ба ин донишгоҳи навтаъсис ҷалб намуда, барои донишҷӯён шароити хуби таҳсил фароҳам орад ва онро ба яке аз донишгоҳҳои намунавии ҷумҳурӣ табдил диҳад.

Баъд аз чанд сол ин роҳбари масъулиятшинос ташаббусу эҷодкориашро зимни сарварӣ ба Кумитаи давлатии омор собит кард. Бо кӯшиши мавсуф кумита аз як ташкилоти бахисобгириву қайдкунӣ ба маркази таҳлиливу пешгӯикунанда табдил ёфт.

Доираи фаъолияти сиёсии Мирганд Шабозов торафт васеъ гардида, номзадиаш дар интихоботи навбатӣ ба вакилии Маҷлиси намояндагон аз ҳавзаи интихоботии Хоруғ № 41 пешниҳод гардид. Интихобкунандагон, ки аз фаъолияти содиқонааш дар ҳама зинаҳо ва шахсияти арзанда будан огоҳии комил доштанд, зимни вохӯриҳо ӯро хеле хуш пазируфтанд.

Онҳо ба тарафдории академик Мирганд Шабозов овоз доданд. Номзади арзанда низ ҳама дархосту пешниҳоди интихобкунандагонашро таҳлилу баррасӣ намуда, бо интихобкунандагонаш робитаи хеле зич барқарор кард ва аксари дархосту пешниҳодҳояшонро амалӣ намуда, дар тӯли солҳои 2010 - 2015 ба ҳайси муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон самаранок фаъолият намуд.

Зимни адои мансабҳои давлатӣ ҳам робитаашро ҳаргиз бо илм наканда, фаъолияти илмӣ ва таҳқиқиашро муваффақона идома медиҳад. Академик Мирганд Шабозов дар самти илм даҳҳо шогирдон тайёр намуда, бо роҳбариаш 4 нафар рисолаи докторӣ ва 40 нафар рисолаи номзадиро ҳимоя намудаанд, 400 мақолаи илмӣ - оммавиро ба нашр расонда, дар конфронсҳои байналмилалӣ мунтазам ширкат варзида, дар мавзӯъҳои муосири илми риёзӣ суханронӣ намуд.

Заҳматҳои хоксоронаи олими шинохтаву сиёсатмадори варзида борҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созмонҳои байналмилалӣ қадршиносӣ гардидаанд. Вай дорандаи унвони Корманди шоистаи Тоҷикистон ва чандин медалу нишонаҳои байналхалқӣ буда, соли 2015 барандаи Ҷоизаи байналмилалии «Top Springer Autho 2015» мебошад. Дар арафаи ҳафтодсолагиашон хушхабаре расид, ки аз байни 12 нафар олими шинохтаи ҷаҳонии илму фарҳанг аз 8 кишвар аз Ҷумҳурии Тоҷикистон академик Мирганд Шабозов бо ҷоизаи «Ситораи Иттиҳод» мушарраф гардидааст. Ҳақ ба ҷониби шоир аст, ки фармуда:

**Агар номи баланд аз чарх**
**хоҳӣ, сабр кун, Соиб,**
**Зи пастӣ метавон рафтан**
**ба бом оҳиста - оҳиста.**

**Шамсиддин ОРУМБЕКЗОДА,**
**Корманди**
**шоистаи Тоҷикистон**

Мушкили маҳал

# ВАЗЪИ НОГУВОРИ РОҲ ВА ОХИРИН ОРМОНИ СОЛХӮРДАГОН

**Чанде пеш ба ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ рафтам. Азоби роҳи ин минтақаи дурдасти кишварро ба хубӣ медонистам. Ин навбат роҳи онро боз ҳам вайронатар аз пештара ёфтам. Сабаби инро ронандаи таксӣ чунин шарҳ дод:**

- Аз вақте ки ба кашонидани ангишт оғоз карданд, азобамон дучанд шуд.

Барои аниқ кардани мушкилот дар деҳаи Оббурдан, ки он ҷо Идораи роҳсозии ин ноҳия ҷойгир аст, бо сардори муассиса Муллонеъмат Қозиев ҳамсуҳбат шудам:

Бино ба гуфти сарвари роҳсозони ноҳия, дар нигоҳубини онҳо 151 км роҳ, 24 пул, 121 қубури обгузар қарор дорад. Ин роҳ барои 26 ҳазору 200 нафар аҳолии ноҳия, ки дар 53 деҳа маскунанд, хизмат мерасонад.

13 км роҳе, ки тавассути он ЧДММ «Қудрат-2010» ангишт мекашонад, ҳолати хароб дорад. Сад афсӯс, ки маъмурияти ширкати фавқ дар таъмири роҳ бо вуҷуди борҳо муроҷиат кардан дасти кумак дароз намекунанд...

Таи се рӯзи дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ буданам ба дурустии иддаои мардуми ноҳияи дурдасти кишвар боварӣ ҳосил кардам.

Роҳро вайрон кардани мошинҳои пурбори ЧДММ «Қудрат-2010» сокинони ноҳияи Айниро ҳам ба ташвиш овардааст. Бино ба гуфти сардори Идораи роҳсозии ноҳияи Айнӣ Садриқул Шербӯтаев, масофаи роҳ аз сарҳади ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ то роҳи Душанбе-Чанок 55 км-ро ташкил медиҳад. Дар ин масофа 9 пул вуҷуд дорад, ки аксаран, бинобар бо бори вазнин гузаштани мошин, таъмирталаб шудаанд.

- Роҳ 30 сол инҷониб рӯи таъмири пурраро надидааст. Таъмири ҷорӣ, ки аз тоза кардани сангрезаву лойоба ва иваз кардани қубурҳост, дар боришоти аввалин ё як маротиба гузаштани мошинҳои пурбор ба ҳолати аввалааш бармегардад. Биноан, ин роҳро пурра азнавсозӣ кардан лозим аст, - гуфт сармуҳандиси коргоҳ Давлатбек Оев.

Иддае аз сокинон ободии роҳи ноҳияро охирин ормони зиндагӣ қарор додаанд:

- Аз умри беш аз 80 - солаам, ягона орзуям дидани роҳи мумфаршу ободи Кӯҳистони Мастчоҳ аст, - гуфт дар суҳбат сокини деҳаи Оббурдон Саидмирзо Шомирзоев.

**Мирзоаъзам МАҚСУДОВ,**
**«Садои мардум»**

**P.S. Вақте мавод омодаи чоп шуд, масъулони роҳсозии вилоят иттилоъ доданд, ки ЧДММ «Қудрат-2010» ба Идораи роҳсозии ноҳияи Айнӣ ба миқдори муайян сӯзишвории дизелӣ ва масолеҳ барои азнавсозии ду пул кумак кардаанд.**

Тозанашр

**Даврони соҳибистиқлолӣ бисёр суннату анъанаҳои миллӣ эҳё гардида, рушду нумӯъ ёфтанд. Аз ҷумла, соҳаи китобдорӣ, ки дар солҳои шӯравӣ тибқи сиёсати он давра дар доираи муайян пеш мерафт, айни ҳол ба маҷрои аслиаш ворид гашта, анъанаҳои пешинаи маърифатпарварӣ ва тарғиби китоб дар ҷомеа рӯҳи тоза гирифтааст.**

# РОҲНАМОИ КИТОБДОР

Таҳия ва қабули даҳҳо қонуну барномаҳои соҳавӣ, бунёду аз нав сохтани китобхонаҳо дар шаҳру деҳот, хоса қомат афрохтани Китобхонаи миллии Тоҷикистон дар пойтахти мамлакат, таъсиси Рӯзи китоб дар Тоҷикистон (4 сентябр), ташкилу баргузории озмунҳои ҳарсолаи «Фурӯғи субҳи донӣ китоб аст», «Илм - фурӯғи маърифат» ва ғайра далели гуфтаҳои боло ва таваҷҷуҳи пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, мебошад.

Дар ҷавоб ба чунин ғамхорӣ ва нақшаҳои созанда масъулони соҳаи тарғиби китоб, бахусус китобдоронро зарур аст, ки донишро вобаста ба талаботи замон такмил диҳанд, техникаю технологияи замонавиро аз худ ва дар фаъолияташон ҷорӣ намуда, баҳри бедор кардани шавқу завқи махсусан насли наврас ва ҷавонон ба китобу китобхонӣ ҷидду ҷаҳд намоянд. Барои дар ин ҷода ба онҳо ёрӣ расондан Муассисаи нашриявии «Ирфон» дастурамалро таҳти унвони «Роҳнамои китобдор» ба табъ расонд.

- Чунин дастурамал дар даврони соҳибистиқлолӣ бори аввал ба нашр расид. Ин кор дар доираи нақшаи чопи силсилакитобҳои «Илм-фурӯғи маърифат» амалӣ гардида, дар оянда низ идома меёбад. Китоби «Роҳнамои китобдор» санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба мафҳумҳои асосӣ, мақсаду вазифаҳо, ҳуқуқу уҳдадориҳои китобхонаҳо ва муассисаҳои интишорӣ, вижагиҳои ҷамъоварӣ, коркарду ҷобаҷогузорӣ ва ҳифзу нигоҳдории фонди китобхонаҳоро дар бар мегирад. Он, ҳамчунин, ба ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, низоми интиқоли нусхаҳои ҳатмӣ, навъҳои дигари санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, аз қабили оинномаву низомномаҳо, қоидаву тартибот ҷиҳати танзими фаъолияти китобхонаҳо ва муассисаҳои дигари интишорӣ мусоидат менамояд. Маҷмӯаи мазкур имкон медиҳад, ки китобхонаҳо дар шароити нав, бо назардошти талаботи даврони соҳибистиқлолӣ ва вижагиҳои воридшавии технологияи муосири иттилоотию иртиботӣ, фаъолияташонро ба роҳ монанд,- гуфт директори Муассисаи нашриявии «Ирфон» - и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, мураттиби китоб номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Қурбон Ғуломзода.

**Б. КАРИМЗОДА,**
**«Садои мардум»**

Тағйирёбии иқлим

# «ҲАМЛА» - И ГАРМӢ ВА ҚУРБОНИҲОИ ОН

**Моҳи июли соли равон дар таърихи мушоҳидаҳои метеорологии Аврупо баландтарин дараҷаи гармӣ сабт гардид. Дар Португалия ҳарорат қариб як моҳ аз 40 дараҷа боло буд. Дар Испания ҳароратсанҷ гармии 45,7 дарсадро нишон дод. Аз сабаби гармии аз меъёр зиёд дар Португалия 659 нафар ва дар Испания 360 кас ҷон бохтанд. Гармии аз ҳад зиёд дар наздикии шаҳри Малагаи қисмати ҷанубии Испания боиси сӯхтор гардида, 2000 гектар ҷангалро ба коми худ кашид. Қариб 3000 нафар аҳолии гирду атроф ба ҷойҳои бехавф кӯчонида шуданд. Дар маҷмӯъ, аз атрофи шоҳроҳи Мадрид - Лиссабон 14000 гектар ҷангал ба коми оташ рафт. Ин рақам дар Португалия 15000 гектарро ташкил дод.**

Тибқи иттилои маҷаллаи «Nature Geoscience», нимҷазираи Пиренейро хушксолӣ фаро гирифт, ки тайи 1200 сол мислашро касе надида буд. Гармиҳои аз 40 дараҷа баланд дар Фаронса боиси сӯхтори ҷангал дар мавзеи Жиронда гардид, ки дар натиҷаи он 16000 нафар манзилҳояшонро тарк намуданд. Дар мубориза бо сӯхтор 1200 корманди соҳаи сӯхторхомӯшкунӣ ва 5 тайёраи обпош сафарбар гардиданд.

Дар Италия шоликорон аз сабаби хушксолӣ ва камобӣ киштзорро баъд аз ҳар 18 рӯз обёрӣ карда истодаанд. Қаблан дар ҳар 7 - 10 рӯз шолизорро об медоданд. Баъзе шоликорон нисфи ҳосилро аз даст доданд. Аз сабаби он ки Италия аз нисф зиёди Аврупоро бо биринҷ таъмин мекунад, соли равон эҳтимол нархи маҳсулоти зикршуда дар ин қитъа ба маротиб гарон шавад. Зарари аз хушксолию гармӣ ба Италия расида 3 миллиард евроро ташкил медиҳад. Ин дар 70 соли охир нишондиҳандаи рекордист.

Олимон афзоиши офатҳои табииро ба тағйирёбии иқлим нисбат медиҳанд. Иқлимшинос Массимилиано Паски хулосаи таҳқиқоташро дар рӯзномаи «Ню Йорк Таймс» чунин баён намудааст: «Даҳсолаи охир зимистон дар минтақаи атрофи Алп торафт хушк (бебарф) ва баҳор камбориш омада, ҳарорат баланд шуда истодааст».

Дар Германия сатҳи дарёи Рейн тайи 15 соли охир ба таври рекордӣ поён рафт, ки ин ба фаъолияти неругоҳҳои барқи обӣ таъсири манфӣ расонида, боиси мушкилот дар обёрии зироат гардид. Инчунин, камшавии оби дарё кашонидани ангиштсанг, нефт ва нуриро ба Германия мушкил гардонид, зеро ба ин кишвар аз бандарҳои Амстердам, Роттердам ва Антверпен тавассути дарёи Рейн борҳои зарурӣ кашонида мешаванд. Обуҳавошиносони ин кишвар дар оянда аз ин ҳам бештар баландшавии ҳарорат ва камшавии боришотро пешгӯӣ мекунанд, ки боиси болоравии нархи маҳсулот ва неруи барқ мегардад.

Тағйирёбии иқлим ба ҳамсояи бузурги мо - Ҷумҳурии Халқии Хитой низ таъсири манфӣ расонид. Дар зиёда аз 80 шаҳри он мақомот сокинонро аз гармии 40 дараҷа огоҳ намуда, риояи чораҳои эҳтиётиро тавсия доданд. Масалан, дар Шанхай аз сокинон хоҳиш намуданд, ки дар айёми баландии ҳарорат иншооти кондитсионердорро бе зарурат тарк накунанд. Дар шаҳри Нанкин шаҳрдорӣ барои сокинон дари паноҳгоҳи зеризаминиро кушод, ки дорои толорҳои корӣ, кондитсионер ва интернети бесим буд.

Моҳи июн 500 ҳазор сокини Хитой аз боришоти сел осеб диданд. Дар зиёда аз 100 дарёи мамлакат сатҳи об боло рафта, 177 ҳазор нафар манзилашонро тарк намуданд.

Гармии ҳаво дар ИМА боиси сарзании 84 сӯхтори бузург гардид, ки дар натиҷа, дарахтубуттаҳои 1,2 миллион гектар замин ба коми оташ рафт. Аз гармии зиёд ба иёлатҳои Техас, Аризона, Юта ва Аляска бештар осеб расид.

Дар Россия низ бинобар сол то сол аз меъёр баланд шудани гармии ҳаво боиси сӯхтори ҷангал мешавад. Соли 2018 дар ин кишвари паҳновар 15,4 миллион гектар ва солҳои 2019 - 2020 16,5 миллион гектар ҷангал аз сӯхтор осеб дид. Баҳори соли равон ин рақам 6,4 миллион гектарро ташкил дод. Ба гуфти сардори шуъбаи зидди сӯхтори Гринписи Федератсияи Россия Григорий Куксин, нисфи масоҳати ҷангали ин кишвар муҳофизат намешаванд ва аз воситаҳои зидди сӯхтор танқисӣ мекашанд. Моҳи июн дар аксар минтақаҳои Россия тағйирёбии ногаҳонии ҳаво зиёд ба мушоҳида расид. Масалан, пас аз гармои тоқатфарсои якҳафтаина якбора ҳаво аз меъёри муқаррарӣ салқин мешуд. Баъд аз беборишии дарозмуддат ногаҳон борони сел меборид. Чунончи, миёнаҳои моҳи июн дар кишвари Краснодар танҳо дар як шабонарӯз 109 милиметр ва дар шаҳри Сочи дар як соат 55 милиметр борон борид.

## ТАЪСИРИ ГАРМӢ БА ИҚТИСОДИЁТ ВА ТАНДУРУСТӢ

Тағйирёбии иқлим на танҳо бевосита, балки ғайримустақим низ ба ҳаёти одамон таҳдид мекунад. Дар ин хусус нашрияи олмонии «Die Welt» чунин навиштааст: «Тағйирёбии иқлим на танҳо замин, балки рӯҳи моро низ дигар мекунад. Офатҳои табиӣ осеби рӯҳӣ ва тарсу ҳаросро ба вуҷуд меоранд. Инчунин, гармии аз ҳад зиёд боиси афзоиши худкушӣ мешавад. Кураи Заминро «мотами экологӣ» фаро мегирад».

Пажӯҳиши Ассотсиатсияи рӯҳшиносони Амрико нишон дод, ки «миёни ашхоси даҳшати тӯфони «Катрина» - ро аз сар гузаронида шумораи худкушӣ ва дар ин бора фикр кардан ду маротиба афзудааст. Ҳолати ҳар шашумин нафар ба меъёри иллати стресси рӯҳии баъдиҷарроҳӣ мувофиқат мекард. Қариб 50 дарсади одамон, ки дар яке аз минтақаҳои зарардида мезистанд, ба пуризтиробӣ, стресс ва тундмиҷозӣ дучор шуданд».

Муаллифи пажӯҳиш, рӯҳшинос Сюзан Клейтон иброз намудааст, ки гармии аз меъёр зиёди ҳаво боиси афзоиши тундмиҷозӣ (дағалӣ) ва камшавии рафтори оқилона гашта, қобилияти кории одамро паст менамояд.

Маҷаллаи илмии «The Lancet» хулосаи олимонро дар 43 кишвар дар бораи таҳқиқот вобаста ба тағйирёбии иқлим чунин меорад: «Олимон муайян карданд, ки аз соли 2000 то 2019 зиёда аз 9 дарсади фавтҳо (5 миллиону 83 ҳазору 173 ҳодиса) бо набудани ҳарорати мусоид алоқаманд будааст. Маълум гардид, ки дар ин солҳо фавти одамон аз хунукӣ (сармо) 0,5 дарсад ва шумораи фавтидагон аз гармо 0,2 дарсад афзудааст».

## ТАДБИРҲОИ ЗИДДИ ГАРМӢ

Яке аз чораҳои наҷот аз гармии тоқатфарсо истифода бурдан аз таҷҳизоти салқинкунандаи ҳаво - кондитсионерҳо мебошад. Масалан, дар Кувайт, Қатар, Арабистони Саудӣ ва АМА мардум дар хонаҳои кондитсионердор зиндагӣ мекунанд, бо мошини кондитсионердор ба кор мераванд, аз мағозаҳои кондитсионердор харид менамоянд ва дар муассисаҳои кондитсионердор кор мекунанд. Дар ҳақиқат, кондитсионерҳо сокинони мамолики гармро бо ҳавои сарди рӯҳафзо таъмин намуда, ҳаёти бисёриҳоро наҷот медиҳад.



Мувофиқи ҳисобу китоби иқлимшиносон, агар вазъи ихроҷи газҳои парникӣ бо суръати имрӯза идома ёбад, то соли 2070 ҳарорати ҳаво дар кишварҳои халиҷи Форс метавонад ба 74 - 77 дараҷа расида, ин мавзеъҳоро барои зиндагӣ номувофиқ гардонад. Танҳо шаҳрҳои калон бо системаи рушдкардаи сардкунии ҳаво (бо кумаки кондитсионерҳои муқтадир) истисно шуданашон мумкин аст. Лекин дар чунин шароит низ одамон танҳо шабона аз хонаҳояшон баромада метавонанд.

Аз рӯи маълумоти Агентии байналмилалии энергетика, соли 2018 барои истифодаи кондитсионерҳо ва шамолдиҳакҳои барқӣ 10 дарсади барқи ҷаҳон сарф шуд. Агар дар Япония ва ИМА 90 дарсади хонаводаҳо бо кондитсионер таъмин бошанд, дар кишварҳои иқлимашон гарм ҳамагӣ 8 дарсади мардум кондитсионер доранд.

Аз сабаби он ки сол то сол тобистон гарм шуда истодааст, талабот ба сардкунии биноҳо низ торафт меафзояд. Вобаста ба ин талабот ба неруи барқ то соли 2050 се маротиба зиёд хоҳад шуд.

Олимон бо мақсади кам кардани талабот ба неруи барқ якчанд чораҳоро самарабахш мешуморанд. Якум, сардкунии биноҳо бо усули «табиӣ». Ба қавли дотсенти кафедраи дизайни муҳити зисти Донишгоҳи Орегона Александра Ремпел салқинкунии биноҳо ба усули «табиӣ» вобастагии одамонро аз кондитсионер кам мекунад. Яъне, шаб то саҳар тирезаҳои биноҳоро кушода мондану рӯз маҳкам кардан ҳавои салқинро дер гоҳ ҳифз мекунад. Ремпел зимни таҳқиқот муайян намуд, ки бо усули мазкур ҳароратро дар бино то 14 дараҷа паст кардан мумкин аст. Ин амал истифодаи кондитсионер ё талабот ба онро 80 дарсад кам мекунад.

Роҳи дигари салқин нигоҳ доштани биноҳо гирифтани пеши воридшавии нурҳои офтоб ба бино тавассути пардакашӣ мебошад.

Усули сеюми салқин нигоҳ доштани биноҳо гузоштани гулдонҳои калон дар болои иморатҳо ва дар онҳо шинондани ниҳолҳои буттаю дарахтони на он қадар баланд (анор, анҷир, себҳои карликӣ, олуболу) мебошад. Ба гуфти меъмори лоиҳаи таҳқиқотии «Cooling Singapore» Аю Сукиа Аделия, дар сурати дар болои боми бино мавҷуд будани ақаллан 10 метр фазои сабз ҳарорати сатҳи бино 5 дараҷа паст мешавад.

Роҳи аз ҳама самарабахши салқиншавӣ шинонидани дарахтони паҳнбаргу баланд дар атрофи биноҳо ва ду канори роҳҳо мебошад. Агар аз як тараф барги дарахтон нурҳои гарми офтобро ба худ гирифта, ҳавои тозаю салқин ҷудо кунанд, аз тарафи дигар чангу ғуборро ба худ мекашанду тасфи роҳҳои бетонию мумфаршро кам менамоянд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 30 ноябри соли 2015 зимни суханронӣ дар нишасти сарони давлатҳои тарафҳои Конференсияи тағйирёбии иқлим дар Париж таъкид намуда буданд: «Ҳарчанд ҳиссаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми партовҳои газҳои парникӣ ба муҳит дар миқёси олам ночиз бошад ҳам, кишвари мо дар масъалаи тағйирёбии иқлим яке аз давлатҳои осебпазир ба шумор меравад. Имрӯз соҳаҳои асосии иқтисодиёти Тоҷикистон бо паёмадҳои манфии вобаста ба тағйирёбии иқлим рӯ ба рӯ гардидаанд».

Яке аз роҳҳои салқину тоза нигоҳ доштани ҳавои мамлакат зиёд намудани масоҳати «фазои сабз» дар шаҳру деҳоти кишвар аст.

Аз рӯи маълумоти Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тирамоҳи соли 2021 ва баҳори соли 2022 дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат 1 миллиону 560 ҳазору 861 бех ниҳоли дарахтони сояафкану мевадиҳанда шинонида шуд. Мувофиқи иттилои Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар 6 моҳи аввали соли равон дар 1 миллиону 739 ҳазору 900 гектар корҳои бунёд ва барқароркунии ҷангалзор гузаронида шудааст. Ҳамаи ин боиси афзоиши масоҳати «фазои сабз»-и мамлакат мегардад. Тадбиру чорабиниҳои таҳиягардида дар доираи Даҳсолаи нави байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор», солҳои 2018 - 2028, ки аз ҷониби Сардори давлат пешниҳод шуда, боиси дастгирии созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ гардид, метавонад дар ҳалли масоили вобаста ба ҳифзи манбаъҳо ва кам кардани хатари офатҳои табиӣ мусоидат кунад.

Агар давлатҳо ба ҳалли мушкилоти муҳити зист ҷиддӣ машғул нашаванд, то соли 2100 дар сайёра ҳарорат 3,7-4,8 дараҷа баланд шуданаш мумкин аст. Ҳол он ки ҳамагӣ як дараҷа баланд шудани гармои замин боиси афзоиши селу тӯфон ва хушксолиҳои маргбор мегардад.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 410936 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб | Таъмири ҷории биноимуассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-и шаҳри Кӯлоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 17.08.2022 14:57:45 |
| 2 | 410927 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб | Таъмири ҷории бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3-и шаҳри Кӯлоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 17.08.2022 15:50:03 |
| 3 | 410917 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар | Сохтмони маҷмааи Б. Ғафуров дар шаҳри Бохтар | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 22.08.2022 09:00:10 |
| 4 | 410918 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар | Азнавсозии фавворaҳои майдони Парчами миллии шаҳри Бохтар | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 22.08.2022 09:10:40 |
| 5 | 410920 | Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии вилояти Хатлон | Таъмири бинои асосии марказ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 22.08.2022 09:20:30 |
| 6 | 410919 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 225 | 22.08.2022 09:30:00 |
| 7 | 410922 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Гӯшти мурғ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 22.08.2022 09:45:00 |
| 8 | 410926 | Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав | Таъмири ҳуҷраҳои дарунии бинои хобгоҳи донишгоҳ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 22.08.2022 09:45:00 |
| 9 | 410929 | Муассисаи давлатии «Мактаб - интернати ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ятим» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 30 | 22.08.2022 09:45:15 |
| 10 | 410938 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 22.08.2022 10:05:00 |
| 11 | 410921 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбӣ – техникӣ»-и ноҳияи Қубодиён | Таъмири муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.08.2022 09:25:20 |
| 12 | 410923 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 2-и шаҳри Левакант | Таъмири бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.08.2022 09:30:25 |
| 13 | 410933 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Гӯшти гӯсфанд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 24.08.2022 09:55:00 |
| 14 | 410940 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 26.08.2022 10:10:00 |
| 15 | 410905 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҳезуми хушк | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 01.09.2022 15:20:13 |
| 16 | 410906 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҳезуми хушк | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 01.09.2022 15:35:18 |
| 17 | 410907 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳо»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Асфалти майдадонаи гарм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 01.09.2022 16:20:00 |
| 18 | 410910 | Шуъбаи маорифи шаҳри Гулистон | Лавозимоти синфӣ, лабораторӣ ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 104 | 01.09.2022 17:20:00 |
| 19 | 410911 | Идораи сохтмон ва меъмории Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент | Сохтмони муҷассамаи Исмоили Сомонӣ, Нишони давлатӣ ва майдончаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хиёбони ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии шаҳри Панҷакент (равшанидиҳии фавворaҳо ва хатти обтаъминкунӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 01.09.2022 17:25:25 |
| 20 | 410912 | Маркази вилоятии назорати давлатии фаъолияти санитарию эпидемиологии вилояти Суғд | Корҳои ободонӣ, кабудизоркунии гирду атроф, обёрии беруна ва чароғонкунии саҳнаю роҳравҳо дар марказ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 01.09.2022 17:25:25 |
| 21 | 410913 | Маркази вилоятии назорати давлатии фаъолияти санитарию эпидемиологии вилояти Суғд | Таъмири намо, васл намудани тиреза ва чароғонкунии саҳну роҳравҳо дар марказ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 01.09.2022 17:25:25 |
| 22 | 410914 | Маркази вилоятии назорати давлатии фаъолияти санитарию эпидемиологии вилояти Суғд | Таъмири бинои марказ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 01.09.2022 17:25:25 |
| 23 | 410915 | Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим дар вилояти Суғд | Компютер, ноутбук, принтер, телевизор, проектор ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 10 | 01.09.2022 17:25:25 |
| 24 | 410925 | Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 02.09.2022 09:40:00 |
| 25 | 410935 | Муассисаи давлатии «Мактаб - интернати кӯдакони ятиму бепарастор»-и ноҳияи Вахши вилояти Хатлон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 19 | 02.09.2022 09:50:20 |
| 26 | 410932 | Муассисаи давлатии «Мактаб - интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятим»-и ноҳияи Рашт | Либоси мактабӣ, пойафзол ва дигар таҷҳизоти нарм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 30 | 02.09.2022 10:01:50 |
| 27 | 410928 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 02.09.2022 10:10:00 |
| 28 | 410939 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди минтақаи Ҳоит»-и ноҳияи Рашт | Сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 02.09.2022 10:20:31 |
| 29 | 410941 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҳезуми хушк | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 02.09.2022 11:05:19 |
| 30 | 410948 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳо»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Рӯдаҳои сӯхторхомӯшкунӣ ва намаки техникӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 02.09.2022 11:53:57 |
| 31 | 410946 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Кати хоби дуошёнаи оҳанин | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 02.09.2022 13:26:00 |
| 32 | 410949 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Масолеҳи сохтмонӣ барои эҳтиёҷоти Муассисаи сукунатии ЯС 3/11 Сараёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 02.09.2022 13:40:00 |
| 33 | 410950 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №126»-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 32 | 02.09.2022 13:50:32 |
| 34 | 410952 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони № 127»-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 41 | 02.09.2022 13:56:46 |
| 35 | 410942 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои маишӣ, электрикӣ, сантехникӣ, масолеҳи сохтмонӣ, молҳои нарм, картридж ва маводи масрафшаванда барои компютерҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 67 | 02.09.2022 14:00:00 |
| 36 | 410954 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятӣ»-и шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 02.09.2022 14:05:54 |
| 37 | 410955 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятӣ»-и шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 02.09.2022 14:15:51 |
| 38 | 410951 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии бемориҳои сил, шуш ва ҷарроҳии қафаси сина»-и Мачитон | Молҳои хоҷагидорӣ, барқӣ, сантехникӣ ва инвентари нарм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 25 | 02.09.2022 14:20:15 |
| 39 | 410943 | Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» | Сканери сайёр | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 02.09.2022 14:30:00 |
| 40 | 410956 | МДТМ «Интернати ҷумҳуриявии кӯдакони шунавоишашон суст ва деркаршуда»-и ноҳияи Рӯдакӣ | Мебел, таҷҳизоти ошхона, молҳои техникӣ ва хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 17 | 02.09.2022 14:30:50 |
| 41 | 410957 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №35-и ноҳия Шаҳринав | Дарҳои оҳанин ва чӯбин | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 02.09.2022 14:35:34 |
| 42 | 410945 | Муассисаи давлатии «Мактаб - интернати миёнаи махсуси мусиқии ҷумҳуриявӣ ба номи Зиёдулло Шаҳидӣ» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 19 | 02.09.2022 15:00:00 |
| 43 | 410947 | Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» | Мебели идоравӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 02.09.2022 15:00:00 |
| 44 | 410953 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тавонбахшии кӯдакони маъюб «Чорбоғ» дар ноҳияи Варзоб | Молҳои рӯзгор, электротехникӣ, қолини роҳрав, уребчаи бачагона ва либос | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 40 | 02.09.2022 15:00:00 |
| 45 | 410958 | Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои варзишӣ, либос ва пойафзол | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 02.09.2022 15:10:17 |
| 46 | 410924 | Муассисаи давлатии «Мактаби варзишӣ» дар шаҳри Кӯлоб | Таҷҳизоти варзишӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 25 | 05.09.2022 09:43:49 |
| 47 | 410931 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 20-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ | Таъмири ҷории бино | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 05.09.2022 09:54:19 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни «Сана ва вақти кушодани лифофаҳо» муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқarraршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

**ХАДАМОТИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмони Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озмун эълон менамояд:**

- сардори шуъбаи нозирон -1 ҷой, маоши мансабӣ - 2011,50 сомонӣ;
- мудири бахши муҳосибот -1 ҷой, маоши мансабӣ - 1653,90 сомонӣ;
- сармутахассис дар минтақаи Душанбе -1 ҷой, маоши мансабӣ - 1502,30 сомонӣ;
- сармутахассис дар минтақаи Суғд -1 ҷой, маоши мансабӣ - 1502,30 сомонӣ;
- сармутахассис дар минтақаи Кӯлоб -1 ҷой, маоши мансабӣ - 1502,30 сомонӣ;
- мутахассиси бахши кадрҳо ва ҳуқуқ -1 ҷой, маоши мансабӣ - 1012,60 сомонӣ;
- мутахассис дар минтақаи Кӯлоб -1 ҷой, маоши мансабӣ - 1012,60 сомонӣ;
- мутахассис дар минтақаи Суғд -1 ҷой, маоши мансабӣ - 1012,60 сомонӣ.

**Барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

1. Ариза ба унвонии сардори Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ;
2. Варақаи шахсӣ;
3. Тарҷумаи ҳол;
4. Сурати 3х4 (4 дона);
5. Нусхаи шиносномаи шаҳрвандӣ;
6. Нусхаи диплом;
7. Нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;
8. Нусхаи акди никоҳ;
9. Маълумотнома аз нозироти андоз (ИНН);
10. Маълумотнома дар бораи даромад ва вазъи молу мулк (эъломия);
11. Маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ;
12. Маълумотнома оиди надоштани доғи судӣ;
13. Нусхаи билета ҳарбӣ;
14. Маълумотнома аз ҷои истиқомат;
15. Маълумотномаи шахсӣ (СИВИ).

**Ҳуҷҷатҳои довталабон дар давоми 21 рӯз аз санаи нашри эълон қабул карда мешаванд.**

**Суроға қабули ҳуҷҷатҳо: шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳусейнзода 34, телефон барои маълумот: +992 227-06-16.**

# ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

**Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ), ҷиҳати иштирок дар озмуни тендерии таъмини маводу таҷҳизотҳо аз тариқи иштироки номаҳдуд, ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хоҳишмандро аз рӯи якчанд лот, ки аз тарафи шарики рушд - UNICEF дастгирӣ меёбад, тибқи таснифоти зерин даъват менамояд:**

**Аз рӯи лоиҳаи «Коҳиши хавфи офатҳои табиӣ» (UNICEF):**

Лоти 1: Тахия ва чопи маводи иттилоотӣ;

Лоти 2: Таъмини таҷҳизот ва либосаи махсус (униформа);

Лоти 3: Ташкил ва таъмини шароит барои гузаронидани семинари омӯзишӣ.

Барои иштирок дар озмуни тендери навбатӣ таклифи расмӣ дар хусуси иштирок дар озмунҳои тендерии баргузоршаванда, нусхаи ҳуҷҷатҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ, маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ баромад намудан, инчунин мавҷуд набудан дар рӯйхати ба сифати қарздор ё бемасъул дар назди дигарон (дорои иҷозатномаи дахлдор будани шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ) лозим аст.

Талаботи дар боло овардашуда шартҳои асосии озмуни тендери баргузоршаванда ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани маълумот ва таснифоти асосӣ ва иловагӣ хоҳишмандон метавонанд дар соатҳои корӣ бо рақами телефони 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи У. Хайём 120, унвонии «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ муроҷиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳое, ки нархҳои пешниҳодшуда нисбатан паст нишон дода мешаванд, қобили қабул намешуморад.

**Муҳлати охири пешниҳоди ҳуҷҷатҳо: то 24 августи соли 2022, соати 09[00] бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.**

# JOB ANNOUNCEMENT:

## DIGITAL COMMUNICATIONS AND FUNDRAISING SPECIALIST

**JOB TYPE:** Full-time

**SALARY:** Negotiable

**JOB DESCRIPTION:**

The Digital Communications & Fundraising Specialist maintains, develops funding opportunities, compulsorily finds a new source for fundraising for the entire period of his work and manage community relations for the Red Crescent Society of Tajikistan (RCST) within the Project Agreement for RCST Resource Mobilization development with Italian Red Cross funding.

**RESPONSIBILITIES WILL INCLUDE:**

Development and delivery of fundraising and marketing plans, to realize objectives and budget, in conjunction with the broader organizational plan;

Create new initiatives to help with year on year income growth;

Identify, cultivate and manage major partners;

Work with colleagues, partners and performers to promote the organization's fundraising activities;

Develop engaging campaigns to assist diversify current income streams;

Compose grant applications and fundraising proposals.

**SKILLS REQUIRED:**

Extensive work experience across fundraising, marketing and communications;

Proficient in donor obtaining, retention and development;

Professional communication, vindication and stakeholder management skills

Strong strategic planning experience and demonstrated ability to achieve growth targets (at least 2 years).

Higher education (preferred background degree in communications, business, public relations, or a related field).

**English proficiency level:** C2

**Interested persons can submit their only CV by email:** alisher.sdv@gmail.com

**Application deadline:** August 18, 2022.

## Эътибор надорад

✓ Шаҳодатномаи хатми синфи нуҳуми силсилаи Т-АТА № 0047926-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 93-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2014 ба Раҷабов Қосим Шералиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-АТУ № 0278304-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №93-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2016 ба Раҷабов Қосим Шералиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши анбор литери 17/1 х таҳти феҳристи №9Ш-98-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ваҳдат соли 2014 бо суроғаи кӯчаи А. Зикиров 73 ба Умаров Эшонқул Хуҷаевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии №84095-и гумшуда, ки онро КФБ-БТ-и шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Гипрозем, бинои 30/5, ҳуҷраи 31 ба Шашаева Зулфия Шоназаровна додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти соҳибкории № 0318105, РЯМ 0330011349-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2017 ба Набиева Махсуда Тураевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи А № 01930645-и гумшуда, ки онро ШВКД-2-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2019 ба Набиева Махсуда Тураевна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-АТУ № 0912517-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №32-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2021 ба Сабзалиев Фируз Гадоалиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ИВ №977822 таҳти қайди № 2365-и гумшуда, ки онро Институти давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода соли 1984 ба Бобохонов Абдухафиз Маджидович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории № 57059-и гумшуда, ки онро КФБТ-и ноҳияи Ленин соли 1988 бо суроғаи маҳаллаи Кампир қалъа, хонаи №62 ба Ҳасанов Сафарбек додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии Иттиҳодияи ҷамъиятӣ рақами қайди ИҶ 1919 аз 17 январи соли 2020 , ки онро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ташкилоти ҷамъияти «Федератсияи Кемпо ва Ҷиткундо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи А 086437-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №24 ба номи Абулқосим Фирдавсии ноҳияи Фархор соли 1992 ба Соибов Ҳусайн Исломович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии бинои истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ»-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2018 бо суроғаи Ҷамоати деҳоти «Россия», деҳаи Яккатут ба Ҳасанов Банноб додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ, дафтари ҳавлидорӣ, шартномаи хариду фурӯши гумшуда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Қурбонов, бинои 25/1, ҳуҷраи №20, мутааллиқ ба Мавлянова Зарина эътибор надоранд.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2017 ба Ҷобиров Фахриддин Сироҷидинович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми синфи нуҳуми силсилаи Т-ШТА № 033324-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №16-и ноҳияи Варзоб соли 2009 ба Таманои Ислом додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хатми синфи нуҳуми № 016383-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии 7-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2006 ба Халифаева Хайринисо Ғаффоровна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи БП № 834982 -и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №41-и ноҳияи Қубодиён соли 1981 ба Ибрагимов Расулиддин Тоирович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-ШТУ № 0124773-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №30-и ноҳияи Қубодиён соли 2007 ба Муродов Ҷурабек Сафаралиевич додааст, эътибор надорад.

## Барҳам мехӯрад

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази таҳқиқотии муҳаққиқ», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии Иттиҳодияи ҷамъиятӣ бо рақами қайди ИҶ 1300 аз 19 майи соли 2010 буда, онро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро, инчунин метавонед аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 15 августи соли 2022, соати 16:40 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33455 нусха*

Навбатдорони шумора
С. Суннатӣ ва А. Мирзозода

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров